**ҲИСОБОТ**

**оиди иҷроиши Нақшаи муштараки**
**ТҶҶ «СПИД Фонд Шарқу Ғарб - Тоҷикистон» (СФШҒ) ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014**

**Лоиҳаҳо:**

1. Лоиҳаи «Коҳиши норасоӣ дар соҳаи саломатӣ ва ҳуқуқ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ», бо дастгирии молиявии Вазорати корҳои хориҷии Нидерландия.
   Давраи амалӣ: «01» сентябри соли 2011 - «31» декабри соли 2015.
2. Лоиҳаи USAID «Муоширати оиди ВНМО ва бемории сил».
   Давраи амалӣ: «01» ноябри соли 2013 - «31» октябри соли 2014.
3. Лоиҳаи «Мустаҳкамкунии шароити мусоид ва васеъ намудани миқёси чорабиниҳои профилактикӣ, табобат ва нигоҳубин барои нигоҳ доштани паҳншавии эпидемияи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо дастгирии молиявии Хазинаи глобалии мубориза бар зидди СПИД, сил ва вараҷа.
   Давраи амалӣ: «01» феврали соли 2014 - «31» январи соли 2015.
4. Лоиҳаи «Огоҳ бош, аз ташхис гузар!», оиди омӯхтани вазъияти эпидемиологии паҳншавии гепатити вирусии С дар байни 1200 истеъмолкунандагони маводи нашъаи тазриқӣ (ИМНТ), бо дастгирии молиявии Gilead Sciences Europe.
   Давраи амалӣ: «01» августи соли 2014 - «31» июли соли 2015.
5. «Барномаи муштарак оиди пешгирии ВНМО дар байни маҳкумшудагон дар Қазоқистон, Қирғизстон ва Тоҷикистон»
   Давраи амалӣ: «10» июни соли 2014 - «10» майи соли 2016.
6. Барномаи минтақавии USAID алайҳи бемории сил дар Осиёи Марказӣ
   Давраи амалӣ: «01» сентябри соли 2014 - «31» октябри соли 2019.

Дар моҳҳои ноябр-декабри соли 2013 ва соли 2014 мувофиқи Нақшаи муштарак чунин чорабиниҳо гузаронида шуданд:

**Моддаи 1.** Гузаронидани тренинги «Пешгирӣ, табобат ва нигоҳубинии беморони сил дар муассисаҳои ислоҳотӣ» барои коргарони тибб ва ғайри тиббии муассисаҳои ислоҳотии СРИҶҶ ВА ҶТ ва коргарони ташкилотҳои ҷамъиятие, ки хизмати зиддисилӣ ба маҳбусон пешниҳод менамоянд (ш.Душанбе).
**Хисобот:** 12 – 13 декабри соли 2013 дар ш. Душанбе тренинги «Пешгирӣ, табобат ва нигоҳубинии беморони сил дар муассисаҳои ислоҳотӣ» барпо гардид. Дар чорабинии омӯзишӣ 12 корманди СРИҶҶ ВА ҶТ ва 8 намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ иштирок намуданд. Тренинг аз тарафи Абдулхаков Б.А., муовини СРИҶҶ ВА ҶТ ва Мальчиков В., мутахассиси ТҶ «Фонди тараққиёти ҷамъият» ш.Алмато, Ҷумҳурии Қазоқистон, гузаронида шуд.

**Моддаи 2.** Ташкил ва гузаронидани мониторингҳои арзёбӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти барномавӣ дар маҳалҳо.
**Хисобот:** Бо иштироки намояндаи Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД, дар марҳилаи ҳисоботӣ ду мониторинги арзёбӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти лоиҳаҳои СФШҒ дар 10 минтақа гузаронида шуд:

- аз 24 то 29 ноябри соли 2014 мониторинги гузаронидани маъракаҳои «Ҳафтаи ташхиси ВНМО дар Тоҷикистон» дар шш. Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Ваҳдат ва ноҳияи Данғара;

- аз 23 то 27 декабри соли 2014 мониторинги арзёбӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти барномаҳои СФШҒ дар шаҳрҳои Душанбе, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Хуҷанд ва Исфара.

**Моддаи 3.** Ташкил ва фаъолияти Нуқтаҳои иттилоотӣ ва портали электронӣ барои мутахассисонӣ тибб ва дигар мутахассисон.
**Ҳисобот:** Ҳамагӣ дар давоми соли 2014 ба портали иттилоотии тиббӣ http://www.afew.tj/ бо кӯмаки 12-то ҳамоҳангсозони Нуқтаҳои иттилоотӣ дар Марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД-и шш. Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Хуҷанд, Хоруғ, Турсун-зода, Ваҳдат, Исфара, Панҷакент, Ёвон, дар Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологӣ ва Донишкадаи такмили ихтисоси коргарони тиббии Тоҷикистон 3026 саволҳо дохил шуданд. 6-то мушовирони интихобгардидаи Марказҳои СПИД, наркологӣ, бемориҳои сил, пӯст ва узви таносул, беморхонаи шаҳрии бемориҳои сироятии ВТҲИА ҶТ ба воситаи портали иттилоотии тиббӣ http://www.afew.tj/ ба 1958 савол ҷавобҳои замонавии аз ҷиҳати илмӣ асосёфта оид ба ВНМО/БПНМ, гепатитҳои вирусӣ, бемории сил, вобастагӣ аз нашъамандӣ, сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолёбанда (САҶИ) ва бемориҳои пӯст пешкаш намуданд.

**Моддаи 4**. Гузаронидани тренинги «Кӯмаки иҷтимоӣ барои шахсони бо ВНМО зиндагикунанда» барои мутахассисони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва тиббӣ дар ш.Душанбе
**Хисобот**: 22 – 23 майи соли 2014 дар ш. Душанбе тренинги «Кӯмаки иҷтимоӣ барои шахсони бо ВНМО зиндагикунанда» барпо гардид. Дар чорабинии омӯзишӣ 20 намояндагон аз 9-то ташкилотҳои ҷамъиятӣ иштирок намуданд. Тренинг аз тарафи Мамадназарова Г. - мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД ва Мальчиков В. мутахассиси ТҶ «Фонди тараққиёти ҷамъият» ш. Алмато, Ҷумҳурии Қазоқистон, гузаронида шуд.

**Моддаи 5.** Ташкили чорабиниҳои иттилоотӣ оиди гузаронидани Рӯзи байналмиллалии мубориза бо сӯистеъмоли маводи нашъадор ва гардиши ғайриқонунии онҳо.
Ҳисобот: Дар моҳҳои май ва июни соли 2014, бо дастгирии СФШҒ, чор маъракаи муштарак бахшида ба Рӯзи байналмиллалии мубориза бо сӯистеъмоли маводи нашъадор ва гардиши ғайриқонунии онҳо, аз тарафи Маркази ҷумҳуриявӣ клиникии наркологии ВТҲИА ҶТ, Агентии назорати маводи наъшаовари назди Президенти ҶТ ва Маркази миллии пешгирии наъшамандӣ ва баҳодии ВТҲИА ҶТ, гузаронида шуд:

- 30 майи соли 2014 дар Маркази варзишии «Вастан»-и ш.Душанбе, мусобиқаи дзу-до дар байни 100 варзишгарон бо шиори «Варзиш зидди наъшамандӣ ва тамғазанӣ нисбати беморони наъшаманд», гузаронида шуд.

http://rus.akn.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=1210:2014-06-02-08-32-49&catid=25:meropriyatiya&Itemid=54

- 17 июни соли 2014, дар ш.Душанбе аксия – баромади гурӯҳи мусиқӣ, озмун, викторинаи мақсаднок оиди пешгирии наъшамандӣ ва корҳои фаҳмондадиҳию иттилоотнокӣ дар байни сокинони маҳаллӣ, аз тарафи кормандони Маркази миллии пешгирии наъшамандӣ ва баҳодии ВТҲИА ҶТ, гузаронида шуд.

http://news.tj/ru/news/v-dushanbe-sostoitsya-aktsiya-v-chest-mezhdunarodnogo-dnya-borby-s-narkomaniei

- 24 июни соли 2014, дар ш.Душанбе Мизи мудаввар оиди пешгирии ВНМО, табобат ва барқароркунии наъшамандон, дар ҳамкорӣ ба Агентии назорати маводи наъшаовари назди Президенти ҶТ, бо иштироки 39 намояндагони соҳторҳои қудратӣ, муассисаҳои тиббӣ, ташкилотҳои байналмиллалӣ ва ҷамъиятӣ гузаронида шуд.

http://news.tj/ru/news/v-dushanbe-obsudili-problemy-narkozavisimykh-lits

- 26 июни соли 2014 дар Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологии ВТҲИА ҶТ консерт ва викторинаи мақсаднок оиди пешгирии ВНМО ва бемории сил бо

иштироки 140 мизоҷони барномаи табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон ва мизоҷони Марказ гузаронида шуд.

**Моддаи 6.** Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза бар зидди СПИД дар ҶТ
**Хисобот:** Дар ассоси нақшаи муштараки Маркази ҷумхуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД ВТҲИА ҶТ ва СФШҒ барои соли 2014 аз 24 то 29 ноябри соли 2014 «Ҳафтаи ташхиси ВНМО дар Тоҷикистон» дар 7 шаҳру ноҳияҳои мамлакат – шш. Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Ваҳдат, Панҷакент ва ноҳияи Данғара гузаронида шудаанд.

Бо дастгирии молиявии СФШҒ, мутахассисони марказҳои минтақавии СПИД дар ҳамкорӣ бо кормандони саҳроҳии ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллии «СПИН Плюс», «Вита», «Гули сурх», «Судманд», «СВОН Плюс», «Ҷовидон», «Бузург» ва «Роҳи зиндагӣ» корҳои фаҳмондадиҳӣ, таксимоти маводҳои иттиллоотӣ, машварат ва ташхиси ВНМО ташкил намуданд. Дар натиҷаи чорабиниҳои муштараки шарикон 10281 сокинони Тоҷикистон оиди ВНМО маълумот гирифтанд, 5638 нафар аз машварати мутахассисон гузашта, 2913 нафари онҳо аз ташхиси ВНМО гузаштанд ва 14 (чордаҳ) ҳодисаҳои нави ВНМО ба тарзи ташхиси фаврӣ бақайд гирифта шуд.

**Моддаи 7.** Вохӯрии корӣ бо иштироки мутахассисони марказҳои СПИД, наркологӣ, бемориҳои пӯст ва узви таносул ва Институти давлатии такмили ихтисоси коргарони тиббии Тоҷикистон ва намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ.
Дурнамои муштараки оиди ворид гардонидани усулҳои Барномаи «Кӯмаки иҷтимои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ» дар идораҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ ба Раёсати Вазорати тандурустӣ ҳифзи иҷтимоии аҳолии пешниҳод гардидаст ва тасдик шудааст. Гузаронидани вохӯрии мазкур дар моҳи феврали соли 2015 ба нақша гирифта шудааст.

***Маълумоти пурраро оиди чорабиниҳои гузаронида шуда дар ТҶҶ «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» дастрас кардан мумкин аст.***